Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17).

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои баркӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800–Баҳисобгирӣ ва аудит.**

Фаъолияти устувори шабакаҳои баркӣ аз бисёр ҷиҳат ба иттилооти босифати ҳисоботӣ ва таҳлилӣ вобаста аст. Иттилооти саҳеҳ ба идоракунии самарабахши раванди интиқоли нерӯи барқ имкон фароҳам меорад, ки омили муҳими рушди бомуваффакияти низоми иқтисодӣ дар шароити имрӯза бошад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз вазифаҳои асосии системаи баҳисобгирӣ дар корхонаҳои интиқоли барқ ин ташкили оқилонаи на танҳо баҳисобгирии меъёрии танзимшаванда, балки баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки имкон медиҳад саривақт иттилоот дар бораи таъмин ва таъминоти нерӯи барқ, ҳаҷми зарари он, иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби истеъмолкунандагон дастрас бошад.

Вазифаи асосии корхонаи таъминкунандаи нерӯи барқ ин аст, ки бефосила ба таври мунтазам интиқоли барқ ба истифодабарандагони нерӯи барқтаъмин карда шавад. Барои ин пеш аз ҳама мавҷудияти таҷҳизоти мукаммал, зеристгоҳҳои наву замонавӣ, кадрҳои баландихтисос, маводҳои гаронқимати истифодашаванда имконпазир бошад. Афзоиши хароҷот ва ҳамзамон афзоишиарзиши хизматрасонии интиқол ва тақсимотиқувваи барқ боиси болоравии тарифинерӯи барқ мегардад.Бинобар ин, барои дастрасии истеъмолкунандагон ба нерӯи барқи арзон,корхонаҳои таъминкунандаи нерӯи баркро зарур аст, ки чораҳои маъмурӣ оид ба оптимизатсияи хароҷотро ба роҳ монанд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти илмии Бобоев Ш.Н. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити кунунии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон саривақтӣ ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Тавре, ки мундариҷаи автореферат нишон медиҳад мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Бобоев Ш.Н. имкон доданд, ки аз нуқтаи назари илмӣ сохтори диссертатсияро дуруст таҳия намуда, натиҷаҳои зарурии таҳқиқотро бо элементҳои муайяни навгонии илмӣ ба даст орад.

Хулоса, диссертант дар рисолаи илмии худ тавонистааст, ки ҷанбаҳои калидии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар корхонаҳои таъминкунандаи нерӯи баркро мавриди муҳокима қарор диҳад. Муаллиф таҳқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки онро ҳамчун эрод бояд қайд намоем:

- дар саҳифаи 19 -уми автореферат ҷадвали №3 маълумот дар сатҳи зарурӣ таҳлил карда нашудаанд ва натиҷаҳои ба даст овардашуда шарҳ дода нашудаанд;
- асосноккунии илмӣ ва роҳҳои ба даст овардани на ҳамаи навгониҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия ҷой дода шудааст;
- дар матни автореферат баъзе аз хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва васеъ шудани таҳқиқот оварда шуда, онҳо ислоҳшаванда мебошанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Бояд қайд намуд, ки ин камбудиҳо ба мазмуни асосии рисолаи илмӣ монеа шуда наметавонанд. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ихтисоси 6D050800–Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ҷавобгӯ буда, докторант Бобоев Ш.Н. сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос мебошад.


**Муқарриз:**
н.и.и. саромӯзгор Самадов Исломиддин Гулмаҳмадович ____________

17.11.2020

**Суроға:** 735162 Вилояти Хатлон. н. Кушониён ҷ\ш Бохтариён куч. Н. Хусрав 73,
**Тел:** 777076576
**Сомона:**
**E-mail:** Samadov-i@inbox.ru


Имзои н.и.и. саромӯзгор Самадов И.Г - ро тасдиқ мекунам:
**Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус** ____________ Равшанова М.А.

ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС